*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон,бо суроғаи 734067, ш. Душанбе,*
*кучаи Нахимов 64/14*

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо мушкилоти як минтақаи алоҳида, масъалаи миллӣ, балки ба он хотир яке аз масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар даҳсолаҳои охир инсоният ба мушкилоти харобшавии замин (дар натиҷаи шӯршавӣ, биёбоншавӣ ва ғ.) ва паст гардидани маҳсулнокии он, ифлосшавии захираҳои обӣ, паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ дар кураи Замин рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҳамаи ин дар ниҳояти кор, боиси мураккаб гардидани муаммоҳои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа мегардад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои омории ҷаҳонӣ, имрӯзҳо аз 7,8 млрд. аҳолии дар кураи Замин умр ба сар баранда зиёда аз 800 миллион одамон дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд.

Ин дар ҳолате мебошад, ки шумораи аҳолии рӯйи замин 7,8 млрд.-ро ташкил дода, дар ҳолати афзоиши аолӣ ба 10 млрд. (то соли 2050), нишондиҳандаи одамоне, ки дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд, метавонад ба 1,5 млрд. афзоиш ёбад. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муаллиф, бар замми ин муаммои зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлатҳои Араб (ба мисоли Ливия, Мисри қадим (Египет), Ироқ, Яман, Сурия)-ро ба давлатҳои Аврупо (Венгрия, Фаронса, Олмон, Британияи Кабир ва ғ.) дар натиҷаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва ноороминҳои сиёсии ин кишварҳо (дар даҳсолаи гузашта), таъсири ногувори пандемия (COVID-19) дар ду соли охир ва зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлати Украина ба кишварҳои аврупоӣ ва Федератсияи Россия (дар натиҷаи ноороминҳои сиёсии ин кишвар, дар соли 2022) ва боз ҳам мураккаб гардидани таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаро таҳлил карда бароем, пас худ тасаввур намоед, ки масъалаи таъмини амнияти озу-қаворӣ дар оянда то кадом дараҷа душвор боқӣ хоҳад монд.

Муаллиф бомаврид қайд менамоянд, ки сарфи назар аз кӯшиши ҳамаҷониба таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои бо озуқаворӣ таъмин намудани минтақаҳои алоҳида, онҳо тадқиқоти ҳамаҷонибаи худро наёфтаанд.

Ҳамзамон, то имрӯз ба нақши минтақа дар низоми таъмини амнияти озуқавории кишвар ва такмил додани механизми иқтисодии бо озуқаворӣ таъмин намудани минтақа боназардошти хусусиятҳои хоси он ба қадри кофӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда нашудааст. Ғайр аз он, асосҳои назариявии омӯзиши оқилонаи механизми бозор ва танзими давлатии бозори озуқаворӣ, имкониятҳои молиявии давлат барои дастгирии истеҳсолкунандагони ватании озуқаворӣ, диверсификатсияи минтақаҳо аз ҷиҳати худтаъминкунии онҳо бо озуқаворӣ дар сатҳи даркорӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурат ва рӯзмарра будани ин таҳқиқотро муайян менамояд.

Дар қатори дастовардҳои илмию амалии муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро низ ба назари эътибор мегирифт:

1. Ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар муаллиф ташаккул ва рушди каластерҳои агросаноатӣ ва ҷалби ҳаҷми сармоягузориҳоро барои рушди ояндаи онҳо, ки нақши худро дар таъмини амнияти озуқаворӣ мебозанд, боз ҳам чуқуртар мавриди таҳқиқот қарор медод.

Новобаста аз пешниҳоди ҷойдошта автореферати диссертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

Ҳамзамон иштироки шахсии унвонҷӯ дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз иштироки он дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин дар омода намудани 15 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Зимни навиштан ва таҳияи диссертатсия, ба сифати сарчашмаи расмӣ аз Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бюллетени иттилоотӣ дар бораи бехатарии озуқа ва камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Бонки Осиёии Рушд истифода шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Умуман, автореферати диссертатсия дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амни-яти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Исайнова Манижа Ҳисайновна сазовори дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., дотсент** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., дотсент Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru